# ТАҚРИЗИ МУҚАРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Насриддинов Ҳукмиддин Наҷмиддинович дар мавзуи «Консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Муҳтавои диссертатсияи Насриддинов Ҳукмиддин Наҷмиддинович дар мавзуи «Консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа ба шиносномаи ихтисоси илмӣ мутобиқат ва ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ**. Таҳқиқи масоили марбут ба ахлоқ ва фазилатҳои маънавии инсон дар замони муосир аз ҳарвақта дида мубрамияти тоза касб менамояд. Раванди глобализатсионӣ, ки айни замон ҷаҳони муосирро фаро гирифтааст, таъсири худро ба ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мерасонад. Таъсироти раванди мазкурро дар самти ҳаёти маънавӣ бараъло мушоҳида намудан мумкин аст. Ба маънии дигар, гирдоби равандҳои глобализатсионӣ беш аз ҳарвақта дида, масъалаҳои ахлоқӣ ва арзишҳои олитарини инсониро ба мушкилотҳои зиёд дучор намудааст. Қисмати зиёди падидаҳое, ки ҳар лаҳза дар фарҳанги муосири башарӣ ва ҳаёти рӯзмарраи инсоният рӯйи кор меоянд, боиси заволи фазилатҳои ахлоқӣ шуда, сабабгори сар задани мушкилиҳои дигари иҷтимоӣ мегарданд. Аз ин хотир, таҳқиқи масъалаҳои муҳимтарини ахлоқӣ, таълимоти ахлоқии мутафаккирони соҳибандеша, муайян намудани арзиши афкори онҳо барои тарбияи насли муосир аз аҳаммият холӣ буда наметавонад.

Аз ҷониби дигар, дар раванди шинохти моҳият ва маънии зиндагии инсон ҳам дар шакли инфиродӣ ва ҳам ҷамъиятӣ илми ахлоқ аз илмҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Илми ахлоқ, ки ба таҳлили масоили марбут ба фаъолиятҳои амалии инсон сарукор дорад, баробар бо пайдоиши инсони фикркунанда ба вуҷуд омадааст ва дар таъмини сифатҳои ахлоқӣ, фазилатҳои инсонӣ ва муносибатҳои иҷтимоии шахс нақши назаррас мегузорад. Дар ин самт диссертатсияи Насриддинов Ҳ.Н. қадами устувор дар шинохти моҳияти фазилати инсон ва фазоили ахлоқӣ дар таълимоти М. Ғазолӣ буда, дорои арзиши баланди назариявӣ ва амалӣ мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо**. Дар диссертатсияи тақризшаванда навгониҳои илман асоснок пешниҳод шудаанд, ки аз муҳтавои диссертатсия сарчашма гирифта, бо мақсади гузошташуда тавъам мебошанд. Воқеан, диссертант бори аввал дар таърихи фалсафаи ватанӣ консепсияи фазилати инсонро дар осори ахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ таҳқиқ намуда, махсусиятҳои онро ошкор кардааст. Ҳамчунин, моҳияти

консепсияи фазилати ахлоқӣ, ки он дар таълимоти ахлоқии Ғаззолӣ мақоми асосӣ дорад, равшан карда шуда, қаробат ва тафовути мавқеи ӯ дар муқоиса бо файласуфон, суфиён ва руҳониён дар ин мавзуъ муайян гардидааст; ошкор карда шудааст, ки мутафаккирони Юнони Қадим, намояндагони фалсафа ва ирфон нисбати фазилатҳои ахлоқӣ мавқеъҳои гуногунро ишғол намуда, умумият, ихтилоф ва қаробату дурии андешаҳо байни онҳо чашмрас мебошанд; собит гардидааст, ки фазилатҳои ахлоқӣ, аз нигоҳи Ғазолӣ, маърифати ахлоқии олам ва инсон буда, аз ҷониби ӯ ба таври омехта - дар пояи дин, фалсафа ва ирфон тавзеҳ ёфтаанд ва ин гуна фаҳмиши моҳияти фазилатҳо ба таълимоти ахлоқии мутафаккирони баъдӣ таъсири бузург расонидааст; робитаҳои ботинӣ ва зоҳирии фазилатҳои ахлоқӣ дар таълимоти ахлоқии Ғазолӣ мушаххас ва равшан гардида, онҳо аз ҷиҳати ҳадаф ирфонӣ ва аз ҷиҳати моҳият умумиахлоқӣ арзёбӣ шудаанд; дар асоси таҳлили аксиологӣ ва интиқодӣ арзишмандӣ ва ё баръакс, созгор набудани баъзе паҳлӯҳои таълимоти умумиахлоқӣ ва ахлоқӣ-ирфонии Ғазолӣ, хусусан консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии ӯ, ба талаботи даврони муосир муайян карда шудааст.

Андешаҳои баёншуда гувоҳи илман асоснок будани навгониҳои кори диссертатсионии Насриддинов Ҳ.Н. мебошанд.

**Асоснокии хулосаҳо ва этимоднокии тавсияҳо**. Дар раванди таҳияи диссертатсия муаллиф аз сарчашмаҳои муътамади илмӣ, осори Муҳаммад Ғазолӣ ва таҳқиқоти анҷомшуда истифода намуда, вазифаҳои гузошташударо иҷро ва хулосаҳои асоснок пешниҳод намудааст. Хулосаҳои диссертант дар ҳар зербоб ва дар ҳашт банди хулосаҳои умумӣ ҳамоҳанг бо мавзуи диссертатсия буда, аз ноил гардидани муаллиф ба ҳадафи гузошташуда дарак медиҳанд. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо низ мувофиқ ба талаботи муқарраршуда пешниҳод гардида, арзиши амалӣ доштани кори диссертатсиониро собит менамоянд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, 6 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт дар ҳаҷми 177 саҳифаи компютерӣ иборат буда, тибқи талаботи Дастурамали таҳияи диссертатсияҳои номзадӣ таҳия гардидааст.

Муҳиммияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи коркард, робитаи мавзуъ бо барномаҳои илмӣ, инчунин, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда дар қисмати муқаддима коркард гардидаанд. Бахшҳои зикргардида ҳамоҳанг ва бо ҳам пайванди мантиқӣ дошта, мувофиқ ба талаботҳои илмӣ таҳия шудаанд. Маҳорати диссертант дар ҳамоҳангсозӣ ва мантиқан пайваст намудани масъалаҳои мазкур қобили таҳсин мебошад. Ин амали муаллифи диссертатсия боис гардидааст, ки масъалаи мавриди таҳқиқ ба таври системавӣ мавриди коркард қарор бигирад.

Усулҳои умумимантиқӣ, таърихӣ-фалсафӣ, аксиологӣ, муқоисавӣ ва ғайра асоси методологии диссертатсияро ташкил менамоянд.

Диссертант бо истифода аз методҳои мазкур равиши дурусти таҳқиқро роҳандозӣ ва хулосаҳои мантиқиро пешниҳод карда, ба ҳадафи гузоштаи худ расидааст.

Боби якуми диссертатсия масъалаи "Таълимоти умумиахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ ва ҷойгоҳи илми ахлоқ дар таснифоти илмҳои ӯ"-ро дарбар гирифта, диссертант онро дар доираи се зербоб: таснифи мухтасараи асарҳои ахлоқӣ ва асосҳои таълимотии умумиахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ; таснифоти илмҳои Муҳаммад Ғазолӣ ва ҷойгоҳи илми ахлоқ дар он; табақабандии фазилатҳо дар таълимоии умумиахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ таҳлилу баррасӣ ва хулосаҳои илман асоснок пешниҳод намудааст. Асарҳои Муҳаммад Ғазолӣ ҳамчун сарчашмаҳои асосӣ истифода гардида, аз миёни онҳо таваҷҷуҳи бештар ба осори ахлоқии мутафаккир равона шудааст. Таҳлили зербоби мазкур нишон медиҳад, ки асарҳои «ал-Ваҷиз фи-л-фуруъ», «ал-Иқтисод фил-эътиқод», «Илҳому-л-аъвом ан илми-л-калом», "Кимиёи саодат", "Мақосид-ул-фалосифа», «ал-Мунқиз мина-з-залол», «ал-Мустасфо», «ал-Мустазҳирӣ», «Насиҳат-ул-мулук», «Таҳофут-ул-фалосифа», «Эҳёу улуми-д-дин», "Меъёр-ул-илм", "Мизон-ул-амал" ё "Меъёр-ул-амал" ҳамчун асарҳои ахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ номбар гардида, таҳлилу баррасӣ шудлаанд.

Зимни баррасии зербоби дуюм диссертант аз методологияи дурусти илмӣ истифода намуда ҷойгоҳи илми ахлоқро дар низоми таснифоти илмҳои мутафаккир муайян менамояд. Ҳамоҳангии таснифоти илмҳои Муҳаммад Ғазолӣ бо Арасту ва мутафаккирони мактаби машшоия муайян гардида, арзиши андешаи мутафаккир дар ин бахш нишон дода шудааст. Маълум мегардад, ки Муҳаммад Ғазолӣ ба табақабандии Арасту ва машшоиён, ки илмҳо ба ду қисми асосӣ – назарӣ ва амалӣ ҷудо гардида, илмҳои назарӣ ба табииёт, риёзиёт ва илоҳиёт ва илмҳои амалӣ ба ахлоқ, тадбири манзил ва сиёсати мудун (дар осори ал-Киндӣ, Форобӣ ва Ибни Сино) тақсимбандӣ мешаванд, андаке тағйирот ворид намудааст. Ғазолӣ бо такя ба илоҳиётшиносӣ ва ирфон инчунин илмҳоро ба илми муомила ва мукошифа тақсим карда ва аз машшоиёни шарқӣ мантиқи арастуӣ, ҳама илмҳои амалӣ (ахлоқ, сиёсат ва тадбири манзил)-ро қабул намуда, таҳти таъсири Ибни Сино илми ахлокро аз сиёсату-л-мудун мустақил донистааст.

"Табақабандии фазилатҳо дар таълимоти умумиахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ" дар зербоби сеюми боби якум коркард гардида, диссертант дар асоси асарҳои "Эҳёу улум-ид-дин" ва "Меъёр-ул-илм" андешаҳои мутафаккирро дар бораи фазилатҳо баён намуда, назари худро дар шакли таҳлил, муқоиса ва баҳогузорӣ баён менамояд, ки аз мустақилияти фикрии ӯ дарак медиҳад.

Боби дуюми диссертатсия ба масъалаи "Фазилати инсон дар таълимоти ахлоқӣ-ирфонии Муҳаммад Ғазолӣ" бахшида шуда, он низ дар доираи се зербоб таҳлилу баррасӣ гардидааст. Зербобҳои боби дуюм бо ҳамдигар алоқаманд таҳия гардида, ҳамдигарро пурра менамоянд. Аз

ҷумла, “Фазилатҳои ахлоқӣ-ирфонӣ дар самти камолоти маънавии инсон” дар зербоби якуми боби мазкур таҳлилу баррасӣ гардида, муаллиф хулосаҳои худро бо истинод ба асарҳои мутафаккир пешниҳод менамояд, ки ҷолиби диққат мебошад. Ҳамзамон, тавассути усули муқоиса таълимоти ахлоқии Ғазолиро, ки ба ду қисм тақсим шудааст, яъне таълимоти умумиахлоқӣ, ки ба калом ва дин (теология) такя мекунад ва таълимоти ахлоқӣ-ирфонии Ғазолӣ, ки аз синтези дин, фалсафа ва тасаввуф иборат аст, таҳлилу таҳқиқ намудааст, ки арзиши илмии диссертатсияро боз ҳам болотар менамояд.

Диссертант зербоби дуюми боби дуюми диссертатсияи худро ба масъалаи “Фазилатҳои ба ташаккули ахлоқи ирфонӣ мусоидаткунанда” бахшида, зимни баррасии вазифаҳои гузошташуда ба натиҷаҳои назарас ноил гардидааст. Тибқи назари диссертант, Муҳаммад Ғазолӣ фазилатҳои суфиёнаро бо робитаҳои ботинии қувваҳои нафс алоқаманд ҳисобидааст, ки тафовути андешаҳои мутафаккирро аз пайравони ҷараёни тасаввуф муайян менамояд. Ба маънии дигар, Муҳаммад Ғазолӣ бар он назар аст, ки суфиро зарур аст, ки бо хостаҳои нафсонӣ пайваста дар мубориза бошад ва онҳоро мутеи ақл гардонад то ба поксозии он ноил гардад. Зинаҳои тасфияи нафс дар асоси андешаҳои Ғазолӣ муайян ва бо назари интиқодӣ аз ҷониби диссертант таҳлил ва баҳогузорӣ шудаанд.

Дар зербоби сеюми диссертатсия “Фазилатҳои маркази ахлоқӣ-ирфонӣ дар консепсияи Муҳаммад Ғазолӣ” мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, ки дар алоқамандӣ бо зербобҳои пешин таҳия гардидааст. Ба андешаи диссертант, “таҳлили консепсияи Ғазолӣ оид ба фазилатҳои маркази ахлоқӣ-ирфонӣ ё фазоили суфиёна (тавба, сабр, шукр, умед, тарс, фақр, зуҳд, тавҳид, таваккул ва муҳаббат) нишон медиҳад, ки ӯ аз сифатҳои рӯзмарраи иҷтимоӣ ва ё ахлоқӣ, таълимоти динӣ ва шавқу рағбатҳои инсонӣ истифода карда, ин фазилатҳоро аз муҳтавои аввалаи худ таҷрид (абстрасия) мекунад ва истилоҳоти суфиёнро дар роҳи ҷустуҷӯи қаробат бо Ҳақ тағйир медиҳад. Аз ҷумла, принсипи аввалини консептуалии ӯ дар ин самт, яъне тавба ин амалияи динии ниҳоят машҳури исломӣ мебошад, ки Ғазолӣ онро берун аз ҳудудҳои аввалияи динӣ инкишоф додааст, то ки онро ба фазилати суфиён табдил диҳад”. Аз иқтибоси овардашуда маълум мегардад, ки диссертант фазилатҳои маркази ахлоқӣ-ирфониро, аз қабили тавба, сабр, шукр, умед, тарс, фақр, зуҳд, тавҳид, таваккул, муҳаббат ва ғ. таҳлилу баррасӣ ва баҳогузориву арзишгузорӣ намудааст, ки мувофиқ ба меъёрҳои илмӣ мебошад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқот.** Мақолаҳои чопнамудаи муаллифи диссертатсия муҳтавои кори илмиро инъикос ва мазмуни онро ифода менамоянд. Ҳамаи 9 мақолаи муаллиф, ки аз онҳо 6 тояш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, бевосита ба мавзуи диссертатсия дахл доранд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия**. Аҳамияти илмӣ ва арзиши амалии диссертатсия аз ҷониби диссертант дар сатҳи зарурӣ нишон дода шудааст. Ба андешаи диссертант доир ба он, ки "натиҷаҳои илмии дар диссертатсия ба даст омадаро барои таҳқиқи консепсияи фазилати инсон дар таълимоти файласуфони дигар истифода намудан мумкин аст", розӣ шуда метавонем. Ҳамчунин, маводи диссертатсия метавонад барои таҳияи китоби дарсӣ ва маводи таълимӣ барои фанҳои фалсафа, таърихи фалсафа ва ахлоқ истифода шаванд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**. Диссертатсияи Насриддинов Ҳукмиддин Наҷмиддинович дар мавзуи «Консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ» ба талаботи шиносномаи тахассуси 09.00.03 – Таърихи фалсафа ва ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудааст ва дорои аҳамияти илмӣ-назариявӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва пешниҳоду тавсияҳо, инчунин мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари муваффақиятҳои зикршуда дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудӣ ва ҳолатҳои баҳсталаб низ вуҷуд дорад:

1. Муаллиф аз осори таҳқиқиқотӣ зиёд истифода бурдааст, вале муносибати худро ба аксарияти онҳо ошкор наменамояд. Яъне, муаллифи диссертатсия бо кадом муҳаққиқ розӣ ҳаст ва нисбати кадомашон назари интиқодӣ дорад, маълум нест;

2. Боби дуюми диссертатсия " Фазилати инсон дар таълимоти ахлоқӣ-ирфонии Муҳаммад Ғазолӣ" номгузорӣ гардида, унвонҷӯ таълимоти ахлоқии мутафаккиро ба таври муфассал шарҳ додааст, аммо қисмати дуюм, яъне таълимоти ирфонӣ, то як андоза аз назари ӯ дур мемонад;

3. Қисмати истифодаи амалии натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ба таври умумӣ таҳия гардидааст. Муаллифи диссертатсия, агар хулосаи таҳқиқоти худро дар алоқамандӣ бо қисмати муҳиммияти мавзуъ таҳия ва ба таври мушаххас арзиш ва аҳамияти таълимоти мутафаккирро барои замони муосир нишон медод, арзиши кори илмӣ боз ҳам баландтар мегардид.

Эродҳои баёншуда характери фундаменталӣ надошта, арзиши илмии диссертатсияи Насриддинов Ҳ.Н.-ро коҳиш намедиҳанд. Кор дар сатҳи зарурӣ навишта шуда, дорои навгониҳои илмӣ мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Насриддинов Ҳукмиддин Наҷмиддинович дар мавзуи «Консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ» аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-Таърихи фалсафа, дар доираи муқаррароти муайяншуда таҳия гардида, ба талаботи бандҳои 31,33,34 ва 35-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Диноршоева Заррина Мусоевна
д.и.ф., профессор, сарходими шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ
«25» 08 соли 2025 Диноршоева З.М.

Суроға: 734025 Ҷумхурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе х.Рудакӣ -33
сарходими шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ
Тел.: (+992) 902-22-28-86
Почтаи эл.: benazir.amrullo.07@mail.ru

Имзои Диноршоева З.М.-ро тасдиқ мекунам:
Нозири калони кадрҳои ИФҲС ба номи А.М. Баховиддинови АМИТ Абдураҳамонзода Б.

Суроға: 734025 Ҷумхурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе х.Рудакӣ -33
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ
Почтаи эл.: ifppanrt@gmail.com